# БАРГУЗОРИИ ХОНИШИ ИДОРАВӢ-СИЁСӢ ДАР ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

Дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон хониши навбатии идоравӣ-сиёсӣ баргузор гардид, ки ба таҳкими ҷаҳонбинии сиёсӣ, маънавӣ ва касбии кормандони соҳаи маориф равона шуда буд. Чорабиниро директори муассиса Сироҷиддин Ниёзӣ ифтитоҳ намуда, дар баромади худ роҷеъ ба нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули фазои устувори маънавию сиёсӣ ва боло бурдани сатҳи маърифатнокии ҷомеа таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Таъкид гардид, ки сиёсати давлатӣ дар самти рушди маориф ва тарбияи шаҳрвандони дорои ҷаҳонбинии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ, яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад. Дар идомаи хониш, Назиров Назир - мудири шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат дар таҳкими муҳити маънавии ҷомеа» маърӯза пешниҳод намуда, масъалаҳои асосии ташаккули арзишҳои миллӣ, худшиносӣ ва устувории иҷтимоиро баррасӣ кард. Зикр гардид, ки муҳити солими маънавӣ омили муҳимми рушди ҷомеа ва тарбияи насли соҳибмаърифат ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, ходими пешбари илмии шуъба - Файзуллоева Иноят дар мавзуи «Нақши фарҳанг, таърих ва забон дар ташаккули худшиносии миллӣ» баромад намуда, аҳамияти истифодаи мероси фарҳангӣ ва захираҳои таърихиро дар раванди таълим таъкид кард. Ба гуфтаи ӯ, фарҳанг, таърих ва забон ҳамчун пояҳои асосӣ дар ташаккули шахсият хизмат намуда, худшиносӣ ва ҳувияти миллии инсонро устувор мегардонанд.

Дар фарҷоми чорабинӣ, иштирокчиён перомуни мавзуъҳои пешниҳодшуда мубодилаи афкор намуда, роҳҳои такмили фаъолияти маърифатию тарбиявиро баррасӣ карданд. Таъкид шуд, ки чунин хонишҳо барои густариши донишҳои сиёсӣ ва таҳкими мавқеи шаҳрвандии кормандони соҳаи маориф аҳамияти муҳим доранд.





